Бо фаро расидани фасли бахор дар хама гӯшаву канори кишварамон корхои ободониву нихолшинонӣ ва шанбегихои умумиҷумхуриявӣ чараён дорад.

Вазорати мудофиа низ дар атрофи иншоот ва дохили хучрахои корӣ шанбегӣ гузаронида, бо шинонидани нихол, гулу буттахои ороишӣ, тозаву нарм кардани бехи дарахтон, кабудизоркунии назди бинохо ва бо ташкили дигар корхои ободонӣ аз худ сахм мегузоранд.



Ин кабил шанбегихо натанхо дар Дастгохи марказии Вазорати мудофиа ва Ситоди генералии Куввахои Мусаллах, балки дар тамоми ҷузъу томхои ин ниходи кудратӣ бо иштироки васеи хайати шахсӣ мунтазам ҷараён дошта, зимни он дар назар аст, ки хизматчиёни харбӣ бо тозаву озода гардонидани гирду атрофи муассисахои харбии тобеи худ инчунин нихолхои сояафкану мевадиханда ва ороиширо шинонанд.



Чунин икдоми созандаву суботкорона бо баргузории шанбегихои умумӣ дар тамоми ҷузъу томхои Вазорати мудофиа то санаи таҷлил аз рӯзи Вахдати миллӣ ва 25-умин солгарди Истиклолияти давлатии Чумхурии Тоҷикистон идома хохад ёфт.